Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-19
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон”, аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси болозикр мутобиқ мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҷиҳати иҷрои қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Воқеан, раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ талаб менамояд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ бештари муносибатҳое, ки дар ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд, аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим дароварда шаванд. Бахусус, масъалаи мавқеи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва бартарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷумлаи масоили мубрам буда, дар атрофи онҳо муқарраароти қонунгузорӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ва ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз ёфт. Вобаста ба ин, мафкураи нави сиёсӣ пойдор гардид, ки ҳамчун асоси фаъолияти берунӣ ва дохилӣ – эътирофи бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро муайян намуда, дар баланд бардоштани нақши он дар низоми қонунгузории миллӣ мусоидат кард. Бо мурури замон қонунгузории Тоҷикистон хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар худ касб намуда, дар он меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшуда мустаҳкам гардида, шартномаҳои байналмилалии нав ва қаблан аз тарафи ИҶШС имзонашуда, мавриди татбиқ қарор дода мешаванд.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсону шаҳрванд ба бисёре аз ин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ аъзо шуда, меъёрҳои қисми зиёди онҳоро дар қонунгузории миллӣ имплементатсия намуда, ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла,ф ба қонунгузории ҷиноятӣ тағийру иловаҳо ворид намудааст. Ҳуқуқи байналмилалӣ низоми ҳуқуқии мураккаб ва ба худ хосе мебошад, ки таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ доимо меафзояд. Дар институтҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилӣ аз ибтидо ғояҳои умумидемократӣ мустаҳкам гардидаанд, ки асоси онҳоро ҳимояи манфиатҳои тамоми башарият ташкил медиҳад. Бо дарназардошти асоснокии ҳамин заминаҳо диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқотро асоснок намудааст.

Мубрамияти мавзуи мазкурро, ҳамчунин, муаллиф дуруст арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки бояд аҳаммият ва ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамзамон, масъалаҳои доираи татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқи комили илмӣ қарор дода шавад. Масъалаҳои вобаста ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар шароити кунунӣ таҳқиқи илмиро бо дарназардошти ғояҳои муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ талаб менамояд. Бо ин назардошт низ таҳқиқи мавзуи мазкур мубрам маҳсуб мегардад.

Ҳарчанд, дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ Н.Б. Азимзода (Н.Б. Азимов), С.А. Раҷабов ва М.Ф. Ҳамидова, А.М. Диноршоев, У.А. Азиззода, Ш.Ф. Искандаров, З.Ҳ. Искандаров, Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҳ.С. Салимов, Н.А. Ғаффорова, А.И. Сафарзода, Р.Ш. Сотиволдиев, Т.Ш. Шарипов, Ш.Н. Саидов ва дигарон баъзе масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи махдуд мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ, яъне дар сатҳи диссертатсионӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надорад ва ин ҳолат, тақозо менамояд, ки ҳалли масоили ҷойдошта, маҳз тавассути таҳқиқоти маҷмӯии мушаххас ҳал карда шавад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, амалияи татбиқи он, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд. Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи муқаддима, ду боб, панҷ зербоб ва хулоса моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ намояд.

Дар боби якум, ки **«Тавсифи умумии меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба рушди ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидааст, масъалаҳои табиати ҳуқуқии меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва мавқеи онҳо дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон ва аҳаммияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Дар боби мазкур, муаллиф чунин масъалагузорӣ менамояд, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ва ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз ёфт. Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони имрӯза ҳуқуқи байналмилалӣ ба сифати ҳуқуқи «намунавӣ» хизмат мекунад, ки дар заминаи он қонунгузории дохилидавлатӣ ташаккул меёбад. Дар робита ба ин, бо назардошти асосҳои адолат ва инсондӯстӣ, баҳодиҳии объективии хубу бад ва дигар ғояҳои арзишманди инсонӣ бояд мазмун ва аҳаммияти ҳақиқии ҳуқуқи ҷиноятӣ барқарор карда шавад. Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил додани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (қ. 3, м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар назди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он вазифаи муқаррар намудани нигоҳи навро ба мавқеъ ва нақши меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии дохилидавлатӣ қарор медиҳад. Дар ин замина, диссертант иброз менамояд, ки баррасии қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар ҷойгоҳи махсусро соҳиб буда, муқарраротионҳо вобаста ба кирдорҳои ҷиноятӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар баробарии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ бевосита эътироф ва ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳамчунин, муаллиф бо назардошти назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти меъёрҳо ва

принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додааст. Муайян карда шудааст, ки принсипҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи байналмилалӣ барои инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва эҷоди меъёрҳо дар ин самт аҳамияти муҳим дорад. Муаллиф дар ин самт хулосаҳои муҳими илмиро пешниҳод намуда, ҷонибдорӣ он аст, ки бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ва татбиқи онҳо бояд пурра ба назар гирифта шаванд.

Боби дуввуми рисола, ба масъалаи **«Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар институтҳои алоҳидаи Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои мафҳуми татбиқнамоӣ (имплемантатсия) ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амали қонуни ҷиноятӣ дар замон ва макон ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои дигари Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар боби мазкур, муаллиф чунин масъалагузорӣ менамояд, ки дар илм истилоҳи татбиқнамоӣ бештар бо чунин категорияҳо, ба монанди «воридкунӣ», «мутобиқнамоӣ», «инкорпоратсия», «ретсепсия», «тасдиққкунӣ», «истинодоварӣ», «иҷрокунӣ» ва «татбиқнамоӣ» истифода бурда мешавад. Баъзе олимон онҳоро ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно баррасӣ мекунанд. Дигарон бошанд, қайд менамоянд, ки мафҳуми татбиқнамоӣ васеъ буда, он дар худ қисмҳои гуногун, ба монанди вориднамоӣ, ретсепсия, инкорпоратсия ва монанди инҳоро фаро мегирад, ки тарзҳои он мебошанд. Вобаста ба мафҳум ва хусусиятҳои татбиқнамоӣ муаллиф нуктаҳои асонокро таҳлил ва пешниҳод намудааст.

Ҳамчунин, муаллиф масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятии

давлатҳои иштирокчии ИДМ таҳқиқ намуда, пешниҳод намудааст, ки ба қисми 1, моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои «ҳифзи тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ» ворид карда шаванд. Рисоланавис дар боби мазкур, ҳамчунин, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз нуқтаи назари олимони ватанӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки муқарраротӣ меъёрии моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ нашудаанд. Айни замон, дар ҳуқуқи байналмилалӣ меъёре ҷой надорад, ки давлатҳоро барои дар ҷойи аввал қарор додани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар объектҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, уҳдадор намояд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки як қатор муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ бавосита татбиқ гардидаанд. Дар натиҷаи таҳлили мавқеъҳои ҷойдошта оид ба масъалаи мазкур рисоланавис дуруст қайд менамояд, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, фазои ҳавоии он низ мансуб мебошад. Фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон – фазое мебошад, ки дар ҳудуди сарҳади давлатӣ боло аз сатҳи замин ва об тӯл мекашад (моддаи 3 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Рисоланавис қайд менамояд, ки таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар бештари кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Фаронса, Олмон, Белгия, Литва, Латвия ва Ҷопон муҳлати ниҳоии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ то 15 сол пешбинӣ шудааст. Аз кишварҳои аъзои ИДМ, дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Украина муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз шаш моҳ то 15 сол муқаррар гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки барои татбиқ намудани ҷазои одилона, ки ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва ба шахсияти гунаҳкор мувофиқ

бошад, чунин мешуморем, ки 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ басанда аст. Зимнан, дар сурати ислоҳ нашудани шахс ва аз ҷониби ӯ такроран содир шудани ҷиноят, нисбати ӯ якумра аз озодӣ маҳрум сохтан татбиқ карда шавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонкулович аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи номбурда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Дар он масъалаҳои табиати ҳуқуқии меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон, аҳаммияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми татбиқнамоӣ (имплемантатсия), татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амали қонуни ҷиноятӣ дар замон ва макон ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои дигари Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бозгӯӣ менамоянд. Чунин пешниҳодҳои муаллиф хусусияти навгониро доранд:

1. Муаллиф иброз менамояд, ки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат, зарур дониста мешавад, ки мақоми ҳуқуқии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин, дар Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи калидӣ ва хоссаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили пуриқтидори суботи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд.

2. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғояҳои асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки асосан дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфта, иҷрои онҳо аз тарафи давлатҳои онҳоро эътирофкарда ҳатмӣ мебошад. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; 2) принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ.

3. Меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти диспозитивӣ ва императивӣ дорад. Меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ихтиёрӣ дошта, бештар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти эъломиявӣ дошта, мустаҳкам гардидаанд. Меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ҳатмӣ дошта, бештар дар конвенсия, паймон ва оинномаҳои судҳои ҷиноятии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

4. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки бо назардошти муқаррароти моддаҳои 4 ва 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 8 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«$9^1$. Принсипи манъи ғуломӣ

1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад.

2) Номгӯйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

5. Диссертант пешниҳод менамояд, ки ба моддаи 15 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 5) бо мазмуни зерин илова карда шуда, қисми 5) қисми 6) ҳисобида шавад:

«5) Хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад».

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, шаҳодат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи судӣ равона гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масоили қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи рисолаи илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро доир ба мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018-2028), қарорҳои Пленуми Суди Олӣ асос ёфтааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои такмили воситаҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ» ва дигар фанҳои ҳамҷавор истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан, камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо як нав ислоҳ менамоянд.

**Эродҳо ба диссертатсия ва авторефати он.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Камолов Хуршедулло Субҳонкулович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотиояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Иштибоҳ дар ҳолат (факт) ва иштибоҳ дар ҳуқуқ” дар моддаи алоҳида танзим карда шавад (саҳифаи 13 диссертатсия), аммо пешниҳоди мазкур дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ва ҳаматарафа таҳлил нашудааст.

2. Муаллиф қонунгузории шуравии ҷиноятӣ ва замони муосирро оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таҳлил намудааст, аммо ба мақсад

мувофиқ аст, ки алоқамандӣ ва хусусиятҳои алоҳидаи ин давраҳоро ба саҳми аъзои шурои диссертатсонӣ пешниҳод намояд.

3. Вобаста ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, ки дар асоси онҳо моддаи 57 КҶ ҶТ (Мусодираи молу мулк) ташаккул ёфтааст, мавқеи муаллиф равшан нест.

Албатта, камбудиҳо ва тавсияҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии такризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар интишороти илмӣ ва маърӯзаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии зерин: конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» (Душанбе, 2022); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: Анализ тенденций и перспектив развития» (Душанбе, 2022); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиявӣ дар мавзуи «Чтение Ломоносов 13» бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели 2023) (Душанбе, 2023); конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба «75 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» (Душанбе, 2023) инъикос гардидаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои

асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла, мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, сифати мусбати диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқотҳои илмии дигар дар мавзуи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мавриди корбарӣ қарор гирифта метавонанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат гувоҳӣ он аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Камолов Хуршедулло Субҳонкулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” комилан ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд дар такмили КҶ ҶТ истифода бурда шуда, ба таҳкими татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, эътирофнамоӣ (имплементатсия)-и меъёрҳо мусоидат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти

ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд.

Дар маҷмуъ, Камолов Хуршедулло Субҳонқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини
бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.С. Сафарзода

Имзои Ҳ.С. Сафарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
подполковники милитсия Б.З. Музафарзода

«28» 01 2023 с.

**Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов, 3. E-mail: avkdtj@mail.ru;
Тел: (+992 37) 226-60-43